**ХУЛОСАИ**
**шурои диссертатсионии 6D.КОА-088-и назди Донишгоҳи давлатии Данғара барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм**

Парвандаи аттестатсионии №____
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 22.08.2026, №20

Барои сазовор донистани Шариф Шарифхоҷаи Саидмуродзода, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ.

Диссертатсияи Шариф Шарифхоҷаи Саидмуродзода дар мавзуи «Андешаҳои адабӣ ва назарии Аҳмади Дониш» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-088-и назди Донишгоҳи давлатии Данғара (734025, ноҳияи Данғара, кӯчаи Марказӣ, 25; фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31-уми январи соли 2025, таҳти №34/шд) 6-уми июни соли 2026, протоколи №18 ба ҳимоя қабул гардидааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Шариф Шарифхоҷаи Саидмуродзода 10-уми апрели соли 1992 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст.

Шариф Шарифхоҷаи Саидмуродзода соли 2014 зинаи бакалавриати Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (ҳоло Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода)-ро бо ихтисоси муаллими забон ва адабиёти тоҷик бо дипломи «Аълочӣ» хатм кардааст. Солҳои 2014-2016 дар шуъбаи магистратураи Институти забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Рӯдакии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҳоло Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон) аз рӯйи ихтисоси забон ва адабиёт таҳсил кардааст.

Солҳои 2016-2019 ба ҳайси аспиранти шуъбаи рӯзонаи Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба корҳои илмӣ-таҳқиқӣ машғул шудааст. Аз 1-уми декабри соли 2016 то ин замон директори Муассисаи таълимии гимназияи хусусии «Кафолат»-и шаҳри Душанбе мебошад.

Диссертатсия дар шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба анҷом расидааст.

**Роҳбари илмӣ:** доктори илмҳои филологӣ, директори Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Баҳодур Искандарови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон **Қаландариён Ҳоким Сафар**.

**Муқарризони расмӣ**: **Олимӣ Хосият Ҳоким**, доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филология ва рӯзноманигрии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ва **Собирзода Ҳамза Юсуф**, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи таърихи адабиёти тоҷики факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертатсия тақризи мусбат пешниҳод намудаанд.

**Муассисаи пешбар** – Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби раиси ҷаласа – мудири кафедраи адабиёти тоҷик, номзади илмҳои филологӣ, дотсент Аҳмадов Сафармад Гадомадович, эксперт – доктори илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи мазкур Наимзода Қудратулло Қаҳор, котиби илмии ҷаласа – доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси филология Фақиров Хурсандмурод Насруллоевич ва имзою муҳри ректори Донишгоҳ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Қурбонзода Маҳмадалӣ Раҳмат пешниҳод шудааст, қайд намудааст, ки диссертатсияи Шариф Шарифхоҷаи Саидмуродзода дар мавзуи «Андешаҳои адабӣ ва назарии Аҳмади Дониш» ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ сазовор мебошад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо дарназардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок мегардад, ки онҳо дар соҳаи адабиётшиносӣ шинохта шудаанд ва дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртиботи қавӣ дорад.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 7 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудааст. Маводди нашршуда нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамояд.

**I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

[1-М]. Қаландариён, Ҳ.С., Саидмуродзода, Ш.Ш. (Шариф, Ш.С.). Мафҳуми истилоҳи «аҳли қалам» дар осори Аҳмади Дониш / Ҳ.С. Қаландариён, Ш.Ш. Саидмуродзода // Паёми Донишгоҳи Хоруғ. – Хоруғ, 2024. – №3 (31). – С. 49-53.

[2-М]. Саидмуродзода, Ш.Ш. (Шариф, Ш.С.). Ду омили асосие, ки барои андешаҳои адабии Аҳмади Дониш замина гузоштанд / Ш.Ш. Саидмуродзода // Суханшиносӣ. – Душанбе, 2024. – №4 (48). – С. 155-161.

[3-М]. Шариф, Ш.С. Мухтасар аз таҳқиқи ҳаёт ва осори Аҳмади Дониш дар Тоҷикистон / Ш.С. Шариф // Паёми Донишгоҳи забонҳо. Силсилаи илмҳои филологӣ, педагогика ва таърих. – Душанбе, 2024. – №4 (56). – С. 296-302.

[4-М]. Шариф, Ш.С. Дидгоҳ ва андешаҳои мунаққидонаи Аҳмади Дониш / Ш.С. Шариф // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – Бохтар, 2025. – №1-1 (131). – С. 60-65.

**II. Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуа ва нашрияҳои дигари илмӣ:**

[5-М]. Шариф, Ш.С. Дастовардҳои адабиётшиносии тоҷик дар шинохти Аҳмади Дониш / Ш.С. Шариф // Маводди конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Филологияи Шарқ: пажуҳиши забоншиносӣ, равобити адабӣ ва тарҷумашиносӣ» (ДБЗХТ ба номи Сотим Улуғзода, 08.12.2023). – Душанбе, 2023. – С. 421-425.

[6-М]. Шариф, Ш.С. Зикри Аҳмади Дониш дар сарчашмаҳои адабӣ / Ш.С. Шариф // Маводди конференсияи байналмилалии II-юми илмӣ-назариявӣ тахти унвони «Рушди иқтисодӣ, иҷтимоии Тоҷикистон: дастовардҳо, мушкилот ва дурнамои он» (Бахши илмҳои гуманитарӣ. Масъалаҳои адабиётшиносӣ) (ДДХ ба номи Моёншо Назаршоев, 30.11.2024). – Хоруғ, 2024. – С. 186-197.

[7-М]. Шариф, Ш.С. Таъсири муҳити адабии замон ва шиносоӣ бо фарҳангу тамаддуни халқҳои дигар дар таҳаввули афкори адабӣ ва назарии Аҳмади Дониш / Ш.С. Шариф // Маводди конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Вазъият ва дурнамои амнияти иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Бахши 3. Эҳё ва рушди фарҳанги миллӣ таҳкимбахши Истиқлоли давлатӣ) (ДДБ ба номи Носири Хусрав, 14.06.2025). – Бохтар, 2025. – С. 387-392.

**Ба автореферати диссертатсия аз муҳаққиқони зерин тақризҳо ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**1. Тақризи** доктори илмҳои филологӣ, профессор, муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба

номи Садриддин Айнӣ **Қурбонзода Рухшона Қурбон** мусбат буда, дар радифи ёдоварӣ аз муваффақиятҳои диссертант эроду пешниҳодҳои зерин манзур шудаанд:

1. Ҳарчанд дар боби аввал таърихи аҳмадидонишшиносӣ баррасӣ гардидааст, вале таъсири мустақими афкори адабии ӯ ба намояндагони минбаъдаи адабиёти тоҷик, махсусан, ба маорифпарварон ва адибони аввали асри XX ба таври мушаххас ҷой нагирифтааст. Омӯзиши ин масъала барои муайян намудани мақоми воқеии Аҳмади Дониш дар таҳаввули афкори адабии тоҷик муҳим мебошад.

2. Азбаски андешаҳои адабии Дониш бештар дар қолаби осори бадеӣ ва насрии ӯ баён шудаанд, таҳлили хусусиятҳои забонӣ, услубӣ ва тарзи баёни мафҳумҳои назарии ӯ метавонист яке аз ҷанбаҳои ҷолиби таҳқиқ бошад.

3. Мавзуи диссертатсия танҳо ба шеър ва масъалаҳои марбут ба шоирӣ маҳдуд намешавад. Аҳмади Дониш ҳамчун нависанда ва яке аз асосгузорони насри иҷтимоию маорифпарварии тоҷик низ аҳаммияти бузург дорад. Аз автореферати диссертатсия бармеояд, ки дар нақша масъалаҳои шеър, шоирӣ ва нақди адабӣ васеъ ҷой дода шудаанд, вале андешаҳои ӯ оид ба хусусиятҳои насри бадеӣ, вазифаи нависанда, забони асар, тарзи баёни фикр ва имкониятҳои иҷтимоии наср ба таври махсус баррасӣ нашудаанд.

**2. Тақризи** доктори илмҳои филологӣ, профессор, директори Институти илмӣ-тадқиқотии илмҳои ҷомеашиносии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» **Нурзод Нуралӣ Нор** мусбат буда, дар баробари зикри дастовардҳои илмии диссертант се эрод пешниҳод шудааст:

1. Бо он ки дар ҷараёни таълифи диссертатсия муаллиф аз сарчашмаву манобеи фаровони илмӣ истифода кардааст, вале ба мушоҳида мерасад, ки на ҳамаи таълифоти дар заминаи аҳмадидонишшиносӣ анҷомёфта дар боби аввали диссертатсия нақду баррасӣ ва шарҳу таҳлил шудаанд. Ҳарчанд мавзуи меҳварии таҳқиқот нақду таҳқиқи андешаҳои адабӣ ва назарии Аҳмади Дониш аст, аммо ба мушоҳида мерасад, ки мақолаҳои арзишманди зерин, ки ба мабоҳиси меҳварии диссертатсия рабт доранд, аз нигоҳи муҳаққиқ берун мондаанд:

- Амирқулов, С. Азмади Дониш ва Мирзо Бедил / С. Амирқулов // Дар китоби «Масъалаҳои филологияи тоҷик». – Душанбе, 1974. – С. 62-71;
- Абдуллоев, А. Афкори адабӣ-эстетикии Аҳмади Дониш: Ба пешвози 150-солагии рӯзи таваллуди Аҳмади Дониш / А. Абдуллоев // Тоҷикистони советӣ. – 1976. – 11 ноябр;
- Аъзамзод, С. Ҷойгоҳи нақди адабӣ дар замони Туғрал / С. Аъзамзод // Маводди ҳамоиши илмии «Нақибхон Туғрал ва муҳити илмиву адабии

нимаи дувуми асри XIX ва ибтидои асри XX». – Хуҷанд: Меъроҷ, 2015. – С. 33-47.

Бахши аъзами мақолаи Субҳони Аъзамзод накду баррасии афкори адабии Аҳмади Донишро ҳамчун намояндаи накди адабии асри Нақибхон Туғрал фаро мегирад ва хуб мебуд, муаллиф бо истифода аз ин мақола назари хешро роҷеъ ба мулоҳизоти муаллифи он низ баён менамуд.

2. Бархе аз фаслҳои диссертатсия дар автореферат хеле кутоҳ баён шудаанд. Масалан, фасли сеюми боби аввали диссертасия, ки «Дастовардҳо ва заъфи аҳмадидонишшиносӣ дар адабиётшиносии тоҷик» унвон дорад ва аз ҷумлаи қисматҳои хеле муҳим ба шумор меравад, бисёр мухтасар ва дар ҳаҷми 1 сархат шарҳ ёфтааст.

3. Дар автореферати диссертасия бархе ғалатҳои имлоиву техникӣ ба чашм мерасанд (масалан, саҳ., 4, 34, 35 ва ғ.), ки ислоҳи он ба арзиш ва аҳамияти диссертатсия қимати бештар меафзояд.

**3. Такризи** номзади илмҳои филологӣ, декани факултети филология ва журналистикаи Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев **Бехроншо Ҷумъа Саидяхё,** дар маҷмуъ, мусбат буда, дар он ба камбудиҳои зерини автореферат ишора шудааст:

1. Дар автореферат баъзе масъалаҳои марбут ба робитаи андешаҳои адабӣ ва назарии Аҳмади Дониш бо равандҳои умумии рушди афкори адабии асри XIX ба таври васеътар таҳлил шуда метавонист. Гарчанде муаллиф заминаҳои ташаккули ҷаҳонбинии адабии Аҳмади Донишро баррасӣ кардааст, аммо муқоисаи бештари дидгоҳҳои ӯ бо андешаҳои назарии намояндагони пешин ва ҳамзамони адабиёти форсии тоҷикӣ имкон медод, ки хусусиятҳои навоварии назарии мутафаккир равшантар нишон дода шаванд.

2. Дар баъзе мавридҳо таҳлили бевоситаи матнҳои осори Аҳмади Дониш ба таври кофию густарда истифода нашудааст. Барои амиқтар нишон додани мавқеи адабию назарии ӯ метавонист аз намунаҳои бештари осори мансур ва манзуми Аҳмади Дониш, бахусус, дар мавриди андешаҳои ӯ оид ба шеър, шоирӣ, накди адабӣ ва меъёри сухани бадеӣ иқтибос ва таҳлили муфассали матнӣ пешниҳод гардад.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки дар асоси иҷро кардани таҳқиқи илмӣ:**

- унвонҷӯ Шариф Шарифхоҷаи Саидмуродзода бо истифода аз равишҳои таҳқиқи осори адабӣ ва илмӣ ба омӯзишу баррасии сарчашмаҳои адабӣ ва маълумоти муҳаққиқони муосир оид ба рӯзгору осори Аҳмади Дониш ва мухтассоти афкори адабию назарии ӯ пардохта, кори илмии муҳим ва арзишмандро **ба анҷом расонидааст;**
- таҳқиқи диссертатсионӣ дар асоси асарҳои Аҳмади Дониш, хусусан, намуна ва матнҳои нашршудаи «Наводир-ул-вақоеъ» [1957; 1959; 1960;

1976; 1988; 1989; 2020], «Рисола дар назми тамаддун ва таовун» [2020], «Меъёру-т-тадайюн» [2010], «Девони ашъор» [2020], порчаҳои алоҳидаи ашъораш, ки дар маҷмуаҳои илмӣ ба табъ расидаанд, анҷом ёфтааст. Осору нашрҳои мазкур дар пояи назария ва равишҳои таҳқиқии муосир **коркард шудаанд;**

- накш ва ҷойгоҳи Аҳмади Дониш ҳамчун мутафаккир дар заминаи таҳлили маълумоти тазкираҳо **муайян карда шудааст;**
- дараҷаи омӯзиш ва пажӯҳиши ҳолу аҳвол ва осори Аҳмади Дониш дар Тоҷикистон матраҳ гардида, нишон додани дастовардҳо ва заъфи аҳмадидонишшиносӣ дар адабиётшиносии тоҷик **сурат гирифтааст;**
- заминаҳои пайдоиш ва таҳаввули андешаҳои адабию назарии Аҳмади Дониш **таъин ва мушаххас карда шудааст;**
- дараҷаи таъсири назари маорифпарваронаи Аҳмади Дониш ба андешаҳои адабии ӯ **нишон дода шудааст;**
- муносибати Аҳмади Дониш ба шеъру шоирӣ ва накшу мавқеи корбурди истилоҳоти адабӣ дар осори ӯ **баррасӣ гардида**, таърифу моҳияти шеър ва рисолати шоир аз дидгоҳи адиб **таъин гардидаанд;**
- дар асоси шарҳи байту банд ва порчаҳову шеърҳои комил, аз ҷумла ашъори Бедили Деҳлавӣ ва рубоиёти Бедил аз ҷониби Аҳмади Дониш ҳунари шореҳӣ ва хусусиятҳои диди интиқодии адиб ба таври **мушаххас нишон дода шудааст;**
- ҳадафи истифодаю ташреҳи истилоҳоти «аҳли қалам», «шароеъ», «саноеъ», «бадоеъ», «фасоҳат ва балоғат» дар осори Аҳмади Дониш **таъин гардида,** дар умум, дар заминаи осори адабию илмии адиб ва ахбори тазкираҳо накши барҷаста доштани ӯ дар рушду таҳаввули афкори адабӣ-назарии тоҷик **собит шудааст.**

**Аҳаммияти назарии** диссертатсияи Шариф Шарифхоҷаи Саидмуродзода дар он зоҳир меёбад, ки ин кори таҳқиқӣ дар омӯзишу пажуҳиши масъалаҳои дигари эҷодиёти Аҳмади Дониш, афкори адабӣ-танқидии адибони ҳамзамони Аҳмади Дониш, таъин намудани хусусиятҳои андешаҳои Аҳмади Дониш роҷеъ ба масъалаҳои гуногуни осори бадеӣ, сухан ва суханварӣ, шеъру шоирӣ ва амсоли инҳо мусоидат карда метавонад. Натиҷаҳои таҳқиқро ба сифати маводди омӯзишӣ ва илмӣ ҳангоми гузаронидани таҳқиқоти илмӣ дар самти омӯзиши назарияи адабиёт ва накди адабии тоҷик истифода намудан мумкин аст. Илова бар ин, маводди манзуршуда барои омӯзишу таҳқиқи масъалаҳои назарии адабиёти тоҷики асрҳои XVI-XIX мусоидат карда метавонад.

Дар ҷараёни таҳлилу баррасии мавзуъ аз афкори назарӣ ва таҷрибаи илмии адабиётшиносони ватанию хориҷӣ, аз ҷумла С. Айнӣ, С. Улуғзода, Х. Мирзозода, А. Мирзоев, Р. Ҳодизода, Ш. Ҳусейнзода, Р. Мусулмониён, Х.

Шарифов, А. Сатторзода, М.М. Бахтин, Б.М. Эйхенбаум, В.М. Жирмунский, М.Л. Гаспаров, Ю.М. Лотман, Д.С. Лихачёв ва дигарон истифода гардида, дастовардҳои илмии онҳо ҳамчун заминаҳои назарии таҳқиқ ба кор рафтаанд.

Дар диссертатсия вобаста ба масъалагузориҳои мушаххас аз равишҳои муқоисавӣ-таърихӣ, таҳқиқӣ-қиёсӣ ва муқоисавӣ-таҳлилӣ истифода шудааст.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаб барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад**, ки аз баҳсҳои суратгирифта, натиҷаҳои ҳосилшуда ва равишҳои таҳқиқии истифодакардаи муаллифро дар раванди ҷустуҷӯҳо ва пажуҳишҳо оид ба рӯзгору осор, вежагиҳои андешаҳои адабию назарии Аҳмади Дониш ва масоили марбут ба таҳаввули нақду суханшиносӣ дар давраи мазкур метавон истифода кард. Маводди диссертатсия ва хулосаҳои онро зимни навиштани мақолаҳо ва таълифоту таҳқиқоти илмӣ оид ба масъалаҳои омӯхтанашудаи таърихи адабиёти тоҷик, махсусан, ҳангоми таҳқиқи афкори адабӣ ва назарии шоирону нависандагон мавриди истифода қарор додан мумкин аст. Ба маводди таҳқиқии манзуршуда ҳангоми таълифи фаслҳои гуногуни китобҳои дарсии таърихи адабиёти тоҷик ва дастурҳои таълимӣ, ҳамчунин, мақолаву рисолаҳои илмӣ метавон такя кард. Натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада барои донишҷӯёну магистрантҳои ихтисосҳои забон ва адабиёти тоҷик, ҳамчунин, корманди адабӣ зимни таълифи корҳои курсӣ, рисолаҳои тахассусии хатм ва магистрӣ метавонад ёрӣ расонад.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд**, ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ аз консепсияҳои илмӣ ва назарии адабиётшиносони ватанию хориҷӣ ба ҳадди зарурӣ истифода шудааст. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқии маълумот, истинодҳои бомаврид ба сарчашмаҳои адабию илмӣ, мутобиқат намудани ҳаҷми маводди таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷму теъдоди интишорот, маъруза дар конференсияҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ, интихоби дурусти методҳои таҳқиқ ва хулосаҳои асоснок бармеояд. Хулосаҳо дар заминаи таҳлилу баррасии сарчашмаҳои адабӣ ва осори назарии марбут ба мавзуъ ба вуҷуд омада, тавсияҳои муаллифи диссертатсия барои коркарди амиқу густардаи минбаъдаи мавзуъ ва дар амалия татбиқ намудани натиҷаҳои таҳқиқ мусоидат менамоянд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро** дар диссертатсия омӯзишу пажуҳиши масъалаҳои марбут ба таърихи **аҳмадидонишшиносӣ дар Тоҷикистон, мушаххас намудани дастовардҳо ва заъфи аҳмадидонишшиносӣ, таъини заминаҳои пайдоиш ва таҳаввули андешаҳои адабии Аҳмади Дониш, таҳлилу баррасии афкори адабӣ-танқидӣ ва назарии адиб** ва ба ин восита мушаххас нақшу ҷойгоҳи ӯ дар доираи адабии замонаш ва рушди адабиётшиносии тоҷик инъикос менамояд.

Дар адабиётшиносии тоҷик бо мақсади мушаххас: муайян кардани хусусиятҳои афкори адабӣ ва назарии Аҳмади Дониш масоили **нақши ашъори гузаштагон ва муҳити адабии замони Аҳмади Дониш дар таҳаввули андешаҳои адабӣ ва назарии ӯ, таъсири назари маорифпарварона ба андешаҳои адабии Аҳмади Дониш, муносибати Аҳмади Дониш ба шеъру шоирӣ, афкори интиқодии адиб оид ба осори адабӣ ва корбурди истилоҳоти адабӣ дар осори ӯ** нахустин бор мавриди пажуҳиш қарор гирифтаанд.

Муаллиф бо истифода аз равишҳои илмӣ дар баррасии масъалаҳо, пешниҳоди усулҳо, таҳқиқи мухтассоти афкори адабӣ-назарию дигар масъалаҳои адабиётшиносӣ, муайян сохтани арзиши илмии онҳо, ба низом даровардан ва ҷамъбаст кардани натиҷаҳои бадастомада, пешниҳоди маълумот ва фароҳам сохтани замина барои таҳқиқоти баъдӣ, интихоби мавод ва интишори натиҷаҳои таҳқиқ саҳми назаррас дорад.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-088-и назди Донишгоҳи давлатии Данғара аз 22-юми августи соли 2026 дар бораи сазовор донистани Шариф Шарифхоҷаи Саидмуродзода ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 11 нафар аъзои шуро 11 нафар (фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31-уми январи соли 2025, таҳти №34/шд), аз ҷумла 3 нафар доктори илм ва 3 нафар номзади илм аз рӯйи ихтисоси 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ иштирок доштанд.

Аз 11 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: тарафдор – 11 нафар, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор — Саидҷаъфаров О.Ш.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ — Шаробова М.Қ.

22.08.2026.